**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Расулзода Рухсора дар мавзуи «Сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзад илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 23.00.02. – Ниходхо, равандхо ва технологияҳои сиёсӣ.**

Мусаллам аст, ки давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз огози истиқлол барои рушди забони миллӣ ва таҳкими мақоми давлатии он дар умури сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии кишвар пайваста тадбирҳои мушаххас андешида, ҷиҳати пешбурди ин самти сиёсати миллӣ тамоми заминаҳоро фароҳам овардааст, яъне дар давоми беш аз сӣ соли истиқлоли давлатӣ забони мо дар мақоми забони давлатӣ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи давлат ва ҳукумат карор дорад.

Бояд гуфт, ки дар тули таърихи дуру дарози халқамон забони мо дар ҳастӣ ва шинохти миллати фарҳангдӯст ва тамаддунсозамон нақши сарнавиштсоз доштааст, ки инро осори арзишманди гузаштагонамон ба хубӣ собит менамояд.

Ҳамон тавре ки ниёгонамон ин забони нобро то замони мо бо як ифтихор ва хештаншиносӣ маҳфуз доштаанд, мо низ ин ҷавҳари ҳастии миллатро дар андеша, гуфтор ва кирдори наслҳо аз рӯйи эҳтиром ба таври ҷовидон бояд ҳифз намоем. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намуданд: «Донистани забони миллӣ далели эҳтиром ба миллат, арзишҳои миллӣ ва таърихию фарҳангии хеш аст. Мо забони миллиро дар баробари Модар ва Ватан аз муқаддасоти олӣ эътироф намуда, ин андешаро ба як ифтихори бузург аз миллати соҳибтамаддуни хеш дар зеҳни наслҳо низ парвариш медиҳем».

Имрӯз бо қаноатмандӣ метавон гуфт, ки ба забони давлатӣ – забони тоҷикӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қарордоду созишномаҳои байналмилалӣ таҳия ва қабул карда мешаванд. Аз ин рӯ, моро лозим аст, то барои ғановати забони миллии хеш аз осори гузашта ва муосир ба дурустӣ истифода намоем, то ин забони тавоно ва шеворо дар асри густариши равобити миллатҳо ва тамаддунҳо тавонотару шевотар гардонем ва онро барои наслҳои оянда бо ҳама зебоиву тавоноияш ба мерос гузорем.

Президенти Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми табрикиашон ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуда буданд: «Дар марҳилаи кунунии давлатдории навинамон моро лозим аст, ки аз ҳама имконоти таърихӣ ва дастуриву

луғавии забони миллиамон ба таври дуруст ва огоҳона истифода намоем ва барои рушди минбаъдаи забони давлатӣ тамоми заминаҳо ва имконоти воқеиро фароҳам оварем».

Бояд зикр намуд он, ки дар забоншиносии тоҷик бобати омӯзишу пажӯҳиши ҷанбаҳои ҳуқуқию ҷомеашиносии сиёсати давлатии забон корҳои илмию таҳқиқотии судманд ва зиёде ба анҷом расидааст, вале таҳқиқу баррасии мақому манзалати забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ ва таъсири он ба идеологияи миллӣ дар чорчӯбаи илмҳои сиёсӣ банудрат ба чашм мерасад ва мавзуи диссертатсияи номзадии Расулзода Рухсора таҳти унвони «Сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02- ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ ба яке аз масъалаҳои мавриди ниёзи ҷомеашиносии муосир бахшида шудааст, ки аз ин бобат ҷолиби диққат ва қобили дастгирӣ мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боби муфассал, панҷ зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, дар муқаддима муаллиф доир ба мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯхта шудани он дар ҷомеашиносии муосири тоҷик, масъалаҳои методологии таҳқиқ, навгониҳои кор, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аҳаммияти илмиву амалии диссертатсияро ба таври мухтасар баён намудааст.

Боби якуми диссертатсия «Сиёсати забонӣ унсури муҳимми рушди давлатдории миллӣ» ном дошта, муаллиф дар он кӯшиш намудааст, ки пиромуни заминаҳои илмию назариявӣ ва методологии сиёсати забон дар ҷомешиносии муосир аз диди сиёсӣ масъалаҳои назарӣ ва амалии онро мавриди муҳокимаронии муфассал қарор диҳад (с.18 -50) ва ҳамзамон, дар зербоби дуюми боби мазкур масъалаҳои вобаста ба хусусиятҳои таърихию сиёсии сиёсати забониро дар шароити дигаргуншавии ҷомеа ба риштаи таҳқиқ кашидааст (с.50-78).

Боби дуюми диссертатсия «**Ҳадафҳо ва самтҳои инкишофи сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**» унвон дошта, ба таҳқиқ ва баррасии равандҳо ва хусусиятҳои сиёсати забонӣ дар кишвар, сиёсати забон ҳамчун яке аз унсурҳои таркибии идеологияи миллӣ дар мамлакат ва мақому манзалат ва накши Истиқлоли сиёсӣ дар таҳкими сиёсати давлатии забон дар Тоҷикистон (с.80-141) бахшида шудааст, ки рисоланавис ҳар кадоми онро бо мисолҳои мушаххас мавриди таҳқиқу андешаронии ҳамаҷониба қарор додааст.

Дар хулосаи кор муаллиф натиҷаҳои илмиву амалии диссертатсияро дар чанд банд ва ба таври фишурда ҷамъбаст намудааст.

Унвончӯ дар охири диссертатсия номгӯйи адабиёти илмиву таҳқиқотии мавриди истифода қарорёфтаро зикр намудааст. Тартиби овардани маводи сарчашмаҳо ва манбаъҳои истифодашуда ба талаботи корҳои илмӣ ва диссертатсияҳои илмӣ дар илми сиёсатшиносӣ ва ихтисоси мазкур мувофиқат мекунанд.

Кори диссертатсионӣ чи аз ҷиҳати илмӣ-техникӣ, чи аз ҷиҳати сохтор хуб таҳия гардида, он бо забони фаҳмо ва дастраси илмӣ навишта шудааст. Нуктаҳое, ки муаллиф ҳамчун навгонии илмии таҳқиқот овардааст, боиси эътимод мебошанд. Алалхусус ӯ кӯшиш кардааст, ки масъалаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти сиёсиро нисбат ба сиёсати забони давлатӣ муайян намояд, ки воқеан, то ҳол аввалин бор шакли рисолаи илмӣ таҳия шудааст. Инчунин, дар рисола хусусиятҳои таърихиву сиёси сиёсати забон дар шароити тағйирёбии ҷомеаи тоҷик таҳқиқ шуда, раванди муосири сиёсӣ ва забонӣ дар Тоҷикистон таҳлил шудааст, иштироки фаъолонаи давлат дар ин раванд ва ташаккули идеологияи миллӣ муайян карда шуда, нақш ва мавқеи истиқлоли сиёсӣ дар рушди сиёсати забон, дурнамои инкишофи он пешниҳодҳо кардааст.

Бояд зикр намуд, ки дар рисола фикру андешаҳои баёнёфтаи муаллиф дар доираи корҳои илмӣ – пажуҳишӣ сурат гирифтааст, ки аз малакаи таҳқиқоти илмӣ пайдонамудаи ӯ шаҳодат медиҳад.

Дар баробари дастовардҳо дар рисола баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, аз ҷумла:
- дар истифодаи мафҳумҳои асосии мавриди истифода дар сиёсати давлатӣ оид ба забон гуногунрангӣ дида мешавад;
- инчунин, истифода аз се барномаи давлатӣ оид ба рушди забони давлатӣ, силсилакитобҳои Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Забони миллат - ҳастии миллат" ва дигар маводи таҳлилие, ки Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми беш аз 25 соли фаъолияташ омода ва амалӣ намудааст, муфид мебуд;
- дар рисола ғалатҳои услубию имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд.

Мулоҳизоти мазкур ба ҳеҷ сурат хулосаи умумии мусбати диссертатсияро тағйир дода наметавонанд, зеро муаллиф аз уҳдаи ҳалли мақсаду вазифаҳои дар наздаш гузошта ба хубӣ баромада тавонистааст.

Дар маҷмуъ, метавон зикр намуд, ки диссертатсияи таҳиякардаи Расулзода Рухсора - унвонҷӯйи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзуи «Сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии он» кори анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ барои дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ комилан ҷавобгӯй мебошад.

Муқарризи холис,
раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илми филология, профессор О. Муҳаммадҷонзода

Имзои профессор Олимҷон Муҳаммадҷонзодаро тасдиқ менамоям.

Мудири ШК ва корҳои махсуси
Кумитаи забон ва истилоҳоти
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Абдуллоев

10.06.24